ТДУ 627.836

# ИДОРАКУНИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ – ШАРТИ МУҲИМИ РУШДИ УСТУВОРИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

**Маҳмудов Б.Н.,** омӯзгори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ

***Калидвожаҳо:*** *захираҳои обӣ, идоракунии захираҳои обӣ, экосистема, иқтисодиёти минтақа, рушди босубот ва г.*

Воқеан Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб ба қатори кишварҳоест, ки аз захираҳои обӣ бой мебошанд. Аммо мутаассифона бар асари риоя нагардидани қоидаҳои мавҷудаи идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, танзим нагардидани раванди мутобиқшавии субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ба истифодаи пулакии захираҳои обӣ, самаранок амали нагардидани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба истифодаи об дар минтақаҳо ва мавҷудияти мувозинати нобаробари таъминоти об дар онҳо мушкилоти истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ боқи мондааст ва хусусан дар минтақаҳое,ки ба кишоварзӣ машуғуланд.

Инчунин, муҳимияти мавзӯи интихобшуда бо он алоқаманд дониста мешавад, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати муҳимтарин самтҳои амалигардонии ҳадафҳои стратегӣ дар соҳаи ҳамкориҳои обӣ, бевосита ба чунин масъалаҳои идоракунӣ ишора шудааст:**[1]**

- идоракунии ҳамгироишудаи захираҳои об;
- пешбурди ислоҳоти аграрӣ ва об;
- Ташаккули системаи идоракунии замин ва захираҳои об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори онҳо барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ;
- баланд бардоштани дастрасии оби нӯшокӣ, системаҳои санитарӣ ва гигиенӣ;

Воқеан имрӯзҳо масъалаҳои ташкил ва идоракунии истифодаи самараноки захираҳои обӣ имконӣ таъмини рушди устувори тамоми соҳаҳо, алалхусус соҳаи кишоварзиро ба пуррагӣ таъмин карда метавонанд. Аз ин рӯ дар истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ риояи қоидаҳои идоракунӣ ва ташкилу тақсими оқилонаи сарчашмаҳои об, масъалаи калиди махсуб меёбад.

Мувофиқи ояндабиниҳо то соли 2050 тағйиротҳо дар сохтори сифатию шумории захираҳои об манфӣ баҳогузори шудааст, ки ба пастравии бехатарии озуқаворӣ ва вобастагии хоҷагиҳои кишоварзӣ аз камчинии об оварда мерасонад. Айнан ҳамин гуна ҳолат, яъне тағйирот дар истеъмоли захираҳои обӣ, ки бар асари дигаргуншавии иқлим ва зиёдшавии талабот ба вуҷуд меояд дар Тоҷикистон низ вуҷуд дорад.**[2]** Албата дар чунин шароит идоракунӣ, чун механизми танзимкунанда ва ташкилкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ метавонад нақши ҳалкунанда дошта бошад. Тағйиротҳои иқлимӣ дар ҷаҳон, ки сохтори зиндагии одамонро дигаргун мекунад, бо ивазшавии давраҳои ҳаётии гидрологӣ алоқаманд дониста мешаванд, аз ҷумла:

- зиёдшавии таркиби буғшавии об ба атмосфера;
- тағйирёбии тартиб ва шидатнкии боришот, зиёдшавии ҳодисаҳои ботакрори алоқаманд бо боришот;
- обшавии ҳаҷми зиёди пиряххо ва тағйирот дар мавзеъҳои бо барф пушонидашуда;
- тағйирот дар манотиқи обрез ва заминҳои доимо намдор;

Таҳдидҳои манфии тағйиротҳои табиӣ ба захираҳои обӣ, таъсири бевосита ва бавоситаи омилҳои антропогениро дучанд афзун мегардонад, ки дар ин ҳолат миқёс ва сифати корҳои идоракунӣ ва танзими захираҳои обӣ мушкилтар мегарданд. Ба ин гуруҳи омилҳо дохил мешаванд:

– тағйирот дар фаъолияти иқтисодии хоҷагидорӣ;
– тағйирот дар сохтори истифодабарии замин;
– рушди аҳолӣ ва афзун гардидани талабот роҷеъ ба истифодаи об;
– шаҳришавии зуроваронаи аҳолӣ ва ғ.

Дар чунин шароит, таъмин ва ҳимояи беҳдошти ҳаёти осоиштаи одамон, хусусан дар деҳот барои имрӯз ва оянда, идоракунии оқилона ва танзимшудаи истифодаи захираҳои обиро талаб менамояд. Дар даҳсолаи охир дар низмои хоҷагии об равиши экосистема васеъ истифода мешавад. Дар ҳуҷҷати Иттиҳоди иқтисодии Аврупо, СММ “Оид ба массъалаи экосистемаи об ва нақши он дар хоҷагии об” пешниҳод шудааст, ки захираҳои обиро чун дигар захираҳо (замин, ҳаво, захираҳои зинда ва одамон) идора кардан номумкин аст.**[3]** Аммо ин афкор аз ҷониби баъзан олимон ҷонибдори нашуд, ки мо низ ба андешаи онҳо мувофиқ мебошем. Аниқтараш дар хоҷагии об бисёр ҳолатҳоеро ошкор намудан мумкин аст, ки бар асари дуруст ба роҳ намондани идоракунии раванди истифодаи захираҳои обӣ мушкилотҳои гуногунро ба вуҷуд овардаанд.

Мо гуфтанием, ки ҷамъият бо маҷмуи унсурҳои таркибии худ метавонад то андозае ба экосистема таъсир расонад. Ҳифз, барқарорнамоӣ ва ташкили корҳои истифодаи босуботи қисмҳои таркибии экосистема аз ҷумла захираҳои обӣ дар каму зиёдшавииояндаи захираҳои обӣ нақши калидӣ дорад. Дар ин асос ҳангоми интихоби стратегияи идоракунии захираҳои обӣ бояд принсипҳои зерин коркард ва риоя карда шаванд:

- мавҷудияти равиши комплексӣ дар муносибат бо муайянсозии манфиатнокӣ барои беҳдошти саломатии аҳолӣ дар алоқаманди бо беҳтаргардонии сифати обҳои нӯшокӣ ва об барои оббозӣ, асарбахшӣ ба экосистема, беҳтаргардонии шароит барои пешбурди фаъолияти босуботи иқтисодӣ (обёрӣ, заминдорӣ, туризм ва ғ.);

- такмилдиҳии пайвастаи низоми нархгузории истифодаи об барои ҷамъоварии захираҳои молиявӣ, ки дар оянда чун усули идоракунии рафтори одамон роҷеъ ба истифодаи оқилонаи об истифода шуда, ҳамзамон ҷиҳати барқарорсозии техника ва технологияи обёрӣ истифода карда мешавад;
- коркард ва истифодаи роҳҳои оқилона истифодабарии об ва идоракунии самараноки захираҳои обӣ бо усули ташкили ҳавзҳои захираи об;
- паст кардани дараҷаи ифлосшавии об, беҳтаргардонӣ ва тоза нигоҳ доштани қубурҳои обкашонӣ дар асоси истифодаи технологияҳои пешқадами соҳа;
- ташаккули ӯҳдадориҳои сатҳи баланди хоҷагидорӣ дар самти истифодаи захираҳои обӣ (дар ҳамаи соҳаҳо). Бо ин мақсад ҷонибҳои манфиатдор бояд дар истифода ва тақсими умумиҷамъиятии сарфи захираҳои об иштирок намуда, дар қабули қарорҳои алоқаманд бо ин масъала фаъолона иштирок намоянд;
- коркарди пайвастаи тарзу воситаҳои мубориза бар зиди хушкшавӣ, нокифоягии захираҳои обӣ, офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода, ки бар асари давраҳои ҳаётии гидрологӣ ба вуҷуд меоянд.

Ба ақидаи мо барои иҷроиши самаранокӣ принсипҳои номбурда ва амалигардонии низоми комплексии идоракунии захираҳои обӣ сармоягузории зиёд ва дарозмуддатро тақозо мекунад. Аммо, новобаста ба мавҷудияти хароҷотҳои зиёд, ки роҷеъ ба бунёд ва танзими низоми идоракунии захираҳои обӣ ба вуҷуд меоянд, даромади минбаъда аз беҳдошти вазъияти зери идоракунӣ қарордодашуда, метавонад инкишофи босуръати иқтисодию иҷтимоиро ба вуҷуд орад.Дар натиҷа дар минтақаҳое, ки дараҷаи истифодабарии захираҳои обӣ аз сатҳи азнавбарақароршавии захираҳои обӣ зиёдтар аст, таҳти риоя ва амалигардонии сатҳи баланди принсипҳои идоракунӣ ҳали худро пайдо мекунанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, дар идоракунии самараноки истифодабарии захираҳои обӣ принсипи "идоракунии комплексии захираҳои обӣ" истифода карда мешавад. Таҳти ин консепсия, идоракунии захираҳои обӣ таъсири мусбии худро ба рушди бисёре аз соҳаҳои иқтисодиёт мерасонад, ба монанди кишоварзӣ, нақлиёт, барқ, хоҷагии ҷангал, тандурустӣ, саноат, ҳифзи табиат ва ғ. Аз ин нуқтаи назар, хулоса кардан мумкин аст, ки дар амалигардонии принсипҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ бояд ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ чун сармоягузор баромад кунанд. Рушди деҳот ва инкишофи ҳамаҷонибаи кишоварзӣ кафолати рушди тамоми соҳаҳо буда, таъмини сатҳи баланди истифодаи об қалиди муваффақияти бехатарии озуқаворӣ дар шароити Ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари сохтори мураккаби корбурд доштани хоҷагии об, инчунин як қатор омилҳои номатлубе вуҷуд доранд, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷумла:**[4]**

– хурдашавии бошиддат ва ҳолати ғайриқаноатбахши таҷҳизоти гидротехникӣ;
– сатҳи баланди талафоти об ҳангоми интиқоли он;
– ҳолати ғайриқаноатбахши таҷҳизотҳои обгирӣ, хусусан дар низоми ҳисоб ва тақсими об;
– мавқеъгирӣ ва мутобиқшавӣ ба соҳибшавии захираҳои зиёди обӣ на ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар татбиқи фаъолияти хоҷагидорӣ;
– вуҷуд надоштани принсипҳои такмилёфтаи идоракунии хоҷагии об, нокифоягии дараҷаи касбии кормандони соҳа ва албата қарорҳои ноустувор ва ғайрисамаранок дар соҳаи истифодаи захираҳои обӣ;
– номукаммали сиёсати нархию тарифӣ, ки дар натиҷа мушкилотҳои дигар ба монанди ҷаримаситонӣ, огоҳнамоӣ ва низоъҳои кориро бавуҷуд меорад:
– вуҷуд надоштани механизми ҳавасмандгардонии иқтисодии фаъолияти тиҷоратӣ бо мақсади ҷори намудани техника ва технологияҳои каммасрафи обӣ дар раванди истеҳсоли ҳар гуна неъматҳои моддӣ ва ғ.
– Мақсади асосии стратегияи давлат дар самти идоракунии захираҳои обӣ, ин ноил гаштан ва дастгири намудани самаранокии иқтисодӣ ва бехатарии экологии дараҷаи истифодабарии захираҳои обӣ ба ҳисоб меравад.**[5]** Бо ин мақсад дар доираи тадқиқоти мазкур як қатор чорабиниҳо ва усулҳои хусусияти идоракунӣ ва танзимнамои дошта коркард ва пешниҳод карда шудаанд, ки ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, хусусан дар соҳаи хоҷагии кишлоқ заминаи хуб гузошта метавонанд (нақша).




***Нақша. Самтҳои асосии идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ***

Натичаи тадқиқот дар мавзуи интихобшуда имконият медиҳад,ки мо чунин хулосабандӣ намоем:

1. Мубрамгардонии масъалаи идоракунии итифодабарии захираҳои обӣ, сифат ва самаранокии фаъолияти хоҷагии обро таъмин намуда, ҳамзамон барои рушди дигар соҳаҳо ва истифодаи об дар ҳошияи консепсияи рушди устувор замина мегузорад.

2. Зарурати гузаштан ба усулҳои нави идоракунии ҷараёни истифодаи захираҳои обӣ, ки дар таҷрибаи давлатҳои тараққикарда истифода гардида истодаанд, ҷиҳати таъмини дараҷаи максималии самаранокии иқтисодӣ ва рушди ҳамгироии дигар соҳаҳо, заминаи мустаҳкам мегузорад.

3. Ҳангоми татбиқи сатҳи баланди идоракунӣ мавҷудияти нобаробарӣ дар истифодаи захираҳои обӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бартараф карда шуда, ҳамзамон имконияти ташкили фаъолияти хоҷагидории ба ҳамон минтақа муносиб (рушди кишофарзӣ, моҳипарварӣ, рушди хоҷагии ҷангал, туризм ва ғ.) таъмин мегардад.

4. Дар мавриди ташкили сатҳи баланди идоракунӣ дар соҳаи об масъалаи камтаваҷҷӯҳӣ ба ҳавасмандгардонии тиҷорат дар соҳаи об, ҳали худро пайдо мекунад. Дар навбати худ сарчашмаҳои зиёди сармоягузорӣ ба хоҷагии об зиёд карда мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Айдаркина Е. Е. Анализ экономического механизма стимулирования рационального водопользования Ростовской области. // ИВД . 2014. №

2. Данилов-Данильян В. И., Хранович И. Л., Управление водными ресурсами. Согласование стратегий водопользования. М.: Научный мир, 2010.

3. Исянбаев М. Н., Хасанова Д. Н., Шакирова С. М., Использование водных ресурсов в регионе, Проблемы и перспективы экономического развития Республики Башкортостан». Глава 2 «Проблемы формирования и реализации экономического потенциала Республики Башкортостан»: Коллективная монография. Уфа: РИЦ БашГУ, Уфа, 2014.

4. Козлова Н. В. Предпосылки к формированию рынка водных ресурсов [Электронный ресурс] // Вест-ник науки Сибири: электронный научный журнал / Томский политехнический университет (ТПУ). 2013. № 1 (7). С. 236–239.

5. Краснопевцева И. В., Краснопевцева Е. А., Козина Л. Н. Экономическая выгода и экологическая проблема. Вестник НГИЭИ. 2014. № 12 (43). С. 42–48.

Маматканов Д.М. Пути оптимального решения проблем использования трансграничных водных ресурсов государствами ЦАР// Вода для устойчивого развития Центральной Азии/Международная научно-практическая конференция (23-24 марта 2018 г.). - Душанбе, 2018. - С. 121.

6. Обидов Ф.С., Одинаев Х.А. Национальная водная стратегия и интегрированное управление водными ресурсами в регионе. //Вестник ТНУ. Серия экономические науки. – Душанбе: «СИНО», 2014. - № 2/1(127). - С.82-88.

7. Одинаев Х.А., Норов Х.Г. Развитие механизмов управления водопользованием в сельском хозяйстве.//Вестник Таджикского национального университета. Серия 6. Экономика, - Душанбе: «Сино», 2010. - С.3-10.

**АННОТАЦИЯ**

**УПРАВЛЕНИЕ ПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ – ВАЖНОЕ УСЛОВИЕ ДЛЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА**

В статье автор, отмечает рациональное использование водных ресурсов как важное средство для устойчивого развития сельского хозяйства и основой обеспечения продовольственной безопасности. Также предлагает ряд принципов управления водными ресурсами в условиях Республики Таджикистан для достижения равномерного доступа к водным ресурсам, что является результатом труда самого автора.

**ANNOTATION**

**THE MANAGEMENT USING OF WATER RESOURCES – ITS IMPORTANT CONDITION FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL FARMS**

In this article the author notices, the rational using of water resources as an important resource for sustainable development of agricultural farms and the base support of commodity safety. Also suggests the rank principles of management water resources in Republic of Tajikistan's condition for the access equability achievements toward water resources that belongs the result of serving self-author.

***Keyword:*** *water resources, management water resources, ecosystem, regional economy, sustainable development et…*